**ПРОТОКОЛИ № 15**

**маҷлиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи ВИЧ/СПИД, сил ва табларза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ш. Душанбе** **07 апрели соли 2011**

**Раиси маҷлис:** Салимов Н.Ф. – вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси КМҲ

**Иштирок доштанд:** аз 19 аъзои КМҲ иштирок доштанд - 15 нафар, бо сабабҳои урзнок 4 нафар иштирок надоштанд (сафари хизматӣ ва ғайра)

**Даъватшудагон:**
Хамидова А. – муовини менеҷери барномаҳои ВИЧ/СПИД, сил ва табларзаи БР СММ дар Тоҷикистон, Қосимова Д. – мутахассиси ЮСАИД дар Чумҳурии Тоҷикистон, Рузиев М.М.- директори Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД-и Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бекназаров М.Б. – котиби КМҲ

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

1. Дар бораи тасдиқи Накшаи амалисозии Барнома оид ба муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011-2015. (Ахбори Бекназаров М.Б. – Котиби Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи ВИЧ/СПИД, сил ва табларза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон)

2. Дар бораи тасдиқи Накшаи миллии «Мониторинг ва арзёбӣ» Барнома оид ба муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011-2015. (Ахбори Ахбори Бекназаров М.Б. – Котиби Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи ВИЧ/СПИД, сил ва табларза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон)

3. Дар бораи пешниҳоди Барномаи рушди СММ, ҳамчун гирандаи асосии грантҳои Хазинаи Глобалии мубориза бар зидди бемориҳои ВИЧ/СПИД, сил ва вараҷа оид ба истифода бурдани маблағҳои сарф нагардидаи грант барои сохтмони беморхона ва ташхисгоҳҳои зидди сили (Ахбори Растислав Врбенский - директори минтақавии Барномаи рушди СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси КМҲ Салимов Н.Ф. бо сухани ифтитоҳӣ аҳли маҷлисро бо рӯзномаи маҷлис шинос намуд.

Доир ба масъалаи якуми рӯзнома, дар бораи тасдиқи Нақшаи амалисозии Барнома оид ба муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011-2015 ахбороти Бекназаров М.Б. котиби Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи ВИЧ/СПИД, сил ва табларза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шунида шуд.

**Баромад карданд. Салимов Н.Ф., Павел Урсу, Джефри Лерер, Джамолов П., Мирзоев А.С., Норинов Ҷ. Н.**

Муовини раиси КМҲ Салимов Н.Ф. аз ҷумла қайд карданд, ки Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, КМҲ фаъолияти ҳамкориро бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ ҳаматарафа ҷонибдорӣ мекунад ва дар оянда низ хоҳад давом дод. Қайд гардид, ки баъзе аз шарикон аз ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ бо Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории зич надоранд, ҳато баъзеи онҳо созишномаи дутарафа низ надоранд. Аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба унвони Вазорати тандурустӣ дар давоми 4 соли охир ягон пешниҳоде, оид ба беҳтар намудани хизматрасонӣ ба шаҳрвандон оид ба масъалаҳои ВИЧ/СПИД ворид нагардидааст. Маблағҳои зиёде барои гузаронидани семинарҳо ба нақша гирифта шудаанд, ки бояд зарурияти онро дида баромад. Далелӣ ҷудо кардани маблағҳои такрорӣ аз ҷонибӣ баъзе ташкилотҳои байналмилалӣ низ ба назар мерасад.

Аз ҷонибӣ аъзоёни КМҲ қайд гардид, ки Нақшаи миллӣ ҳаматарафа омода карда шудааст ва масъалаҳои зарурии пешгирии бемории СПИД ворид гардидааст. Пешниҳод гардид, ки азбаски Нақшаҳои зикр гардида мӯҳлати 5 солро дарбар мегиранд ва маблағҳои на ҳамаи донорҳо дар ин давра аён аст, омода намудани нақшаҳои кӯтоҳ муддат ( 1-2 сола) ба назар гирифта шавад.

Нисбати масъали дуюми рӯзнома дар бораи тасдиқи Нақшаи миллии «Мониторинг ва арзёбӣ» Барнома оид ба муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011-2015 ахбороти Бекназаров М.Б. котиби Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи ВИЧ/СПИД, сил ва табларза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шунида шуд.

Доир ба масъалаи сеюми рӯзнома ахбороти Растислав Врбенский - директори минтақавии Барномаи рушди СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шунида шуд. Аз ҷумла қайд гардид, ки Барномаи рушди СММ, ҳамчун гирандаи асосии грантҳои Хазинаи Глобалии мубориза бар зидди бемориҳои ВИЧ/СПИД, сил ва табларза ба аъзоёни КМҲ муроҷиат намуда, изҳорӣ хоҳиш намуд, ки маблағҳои сарф нагардидаи грантҳои ВИЧ/СПИД, сил ва табларзаро барои сохтмони беморхонаҳои зидди сили дар шаҳри Қурғонтеппа, муассисаҳои ислоҳӣ ва ташхисгоҳӣ дараҷаи бехатарии сатҳи 3 ҷонибдорӣ карда шавад. (замима мегардад).

**Баромад карданд:** Салимов Н.Ф. қайд карданд, ки азбаски вазъи бемории сил дар вилояти Хатлон ташвишовар мебошад ва корҳои ташхисию табобатӣ бояд пурзӯр карда шавад, сохтмони беморхонаи замонавӣ ба нақша гирифт шуд. Хоҳиш карда шуд, ки пешниҳоди Барномаи рушдӣ СММ оид ба истифодаи маблағҳои сарф нагардидаи грантҳои Хазинаи Глобалӣ ҷонибдорӣ карда шавад.

**Мирзоев А.С., Норинов Ҷ., Павел Урсу, баромади Салимов Н.Ф. дастгирӣ намуданд.**

Маҷлиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи бемориҳои ВИЧ/СПИД, сил ва табларза **қ а р о р к а р д:**

1.Нақшаи амалисозии Барнома оид ба муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011-2015 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2.Нақшаи миллии «Мониторинг ва арзёбӣ» Барнома оид ба муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011-2015 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

3.Пешниҳоди Барномаи рушди СММ, ҳамчун гирандаи асосии грантҳои Хазинаи Глобалии мубориза бар зидди ВИЧ/СПИД, сил ва табларза оид ба истифода бурдани маблағҳои сарф нагардидаи грантҳои ВИЧ/СПИД, сил ва табларза барои сохтмони беморхонаҳои зидди сили дар шаҳри Қурғонтеппа, муассисаҳои ислоҳӣ ва ташхисгоҳӣ дараҷаи бехатарии сатҳи 3 ҷонибдорӣ карда шавад

Муовини раиси КМҲ Н.Ф.Салимов

Котиби КМҲ М.Б.Бекназаров